# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. (372) 221-18-35, факс (372) 2217525

ФАРМОИШ

аз «22» 01 соли 2025 № 49 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Оинномаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим»

Бо мақсади муайян ва танзим намудани самтҳои асосии фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим», мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оинномаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» супориш дода шавад, ки фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим»-ро тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи тасдиқгардида ба роҳ монад.
3. Фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2017, №420 «Дар бораи тасдиқ намудани Оинномаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» ва аз 16 январи соли 2023, №18 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2015, №258» аз эътибор соқит дониста шаванд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Вазир Ҷ. Абдуллозода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН · МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН · БАРОИ ФАРМОНҲО · ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ ВЕРНО

Замима
бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» 01 соли 2025, №49
тасдиқ шудааст.

# О И Н Н О М А И
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ»

ш. ДУШАНБЕ - 2025

## 1. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

1. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» (минбаъд-Марказ) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 ба номгӯйи муассисаҳо ва ташкилотҳои системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст.

2. Муассиси Марказ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Муассис) мебошад.

3. Марказ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ташкилшуда ба ҳисоб меравад.

4. Марказ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

5. Марказ дорои тавозуни мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, муҳри мудаввар бо дарҷи нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи расмии худ, варақаҳои унвонӣ ва дигар реквизитҳо мебошад.

6. Номи расмии марказ:

- бо забони давлатӣ: Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим»;
- бо забони русӣ: Государственное учреждение «Республиканский центр по формированию здорового образа жизни»;
- номи ихтисоршудаи Марказ бо забони давлатӣ: МД «МҶТТҲС»;
- номи ихтисоршудаи Марказ бозабони русӣ: ГУ «РЦФЗОЖ».

7. Суроғаи ҳуқуқии Марказ: Ҷумҳурии Точикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, 69.

## 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАРКАЗ

8. Марказ шахси ҳуқуқии мустақил буда, шакли ташкилию ҳуқуқии он бо моддаҳои 53, 128, 337 ва 339 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

9. Мувофиқи Оинномаи мазкур Марказ ҳуқуқ дорад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад, даромадҳои аз ҳисоби хизматрасониҳои таълимӣ ва дигар даромадҳои воридшуда, ба ихтиёри Марказ мегузаранд ва бо мақсадҳои оинномавӣ сарф карда мешаванд.

10. Марказ ҳуқуқ дорад қарзҳои бонкиро истифода барад, иштирокчии муносибатҳои маданӣ бошад, аз он ҷумла дар мурофиаҳои судӣ ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

11. Марказ дорои дигар намуди ҳуқуқҳо мебошад, ки бо қонунгузории амалкунанда барои чунин муассисаҳо муқаррар карда шудаанд.

12. Марказ аз рӯи ухдадориҳои худ барои маблағҳои пулӣ, ки дар тавозуни мустақили худ дорад, ҷавобгар мебошад ва Муассис аз рӯи ухдадориҳои Марказ, ба истиснои мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулият надорад.

13. Иҷрои стандартҳо, муқарраротҳ, меъёру санадҳое, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ, бо тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намудааст, барои Марказ ҳатмӣ мебошад.

14. Марказ дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба ҳайати ҷамъиятҳои хоҷагидор, иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо шомил гардад ва аз ҳайати онҳо бароянд. Мутахассисони Марказ метавонанд аъзои ассотсиатсияҳои тиббии касбӣ шаванд, ки онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, амал мекунанд ва ба ҳайати роҳбарикунандаи онҳо шомил гарданд.

15. Марказ метавонад барои иҷро кардани фаъолияти оинномавӣ мутахассисони ҷудогона, аз он ҷумла хориҷиёнро бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намояд.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

16. Мақсади Марказ ташаккули дониш, муносибат ва рафтори аҳолӣ ба саломатии худ тавассути тадбиқи принсипҳои тарзи ҳаёти солим мебошад.

17. Муҳимтарин вазифаҳои Марказ иборат аст аз:

- таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таҳия ва тадбиқи барномаҳои мақсадноки миллӣ ва минтақавӣ дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таҳия ва ворид намудани стандартҳои миллӣ ва алгоритмҳои бурдани таблиғоти ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ;
- гузаронидани чорабаниҳои иттилоотию маърифатӣ дар байни аҳолӣ тавассути ворид намудани барномаҳои таълимӣ бо ҷалби воситаҳои ахбори омма;
-гузаронидани конфронс, семинар, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои омузишӣ дар байни кормандони тиб, маориф, дигар кормандони касбу кор, фаъолон ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, мустаҳкамкунии саломатӣ ва пешгирии бемориҳо;
- гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар байни аҳолӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ;

- гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар байни аҳолӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи фарҳангию гигиенӣ ва санитарӣ, пешгирии бемориҳои Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО/БПНМ), Бемориҳои сироятии ҷинсӣ (БСҶ), нашъамандӣ, майзадагӣ, тамокукашӣ, ки сабаби пайдоиши онҳо ба ахлоқ, рафтору кирдори шахс вобаста мебошад:

- таҳия, чоп ва паҳн намудани маводҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- ҳамоҳангсозӣ ва мониториг ва таҳлили фаъолияти марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ва дигар муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеъияти идоравии онҳо, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ оид ба ворид намудани принсипҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- гузаронидани тадқиқотҳои гуногун дар бораи солимии аҳолӣ бо роҳи омузиши дониш, муносибат ва рафтор;

- гузаронидани таҳлили ворид намудани принсипҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъсиси системаи ягонаи иттилоотӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим.

## 4. ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

18. Марказ барои иҷро кардани вазифаҳои дар наздаш гузошташуда фаъолияти зеринро ба анҷом мерасонад:

- васеъ намудани фазои иттилоотию ҳуқуқӣ барои аҳолӣ, ҷавонон, намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолӣ бо роҳи таҳия ва паҳн намудани маводҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ (тренингҳо, семинарҳо, намоишҳои театрикунонида, аксияҳо) оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- ҳамкорӣ дар ҳолатҳои гузаронидани тадқиқотҳои маҷмӯӣ, баҳодиҳӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва муайян намудани омилҳое, ки ба тағйирёбии рафтори одамон таъсир мерасонанд;

- ҳамкорӣ намудан дар ҳолатҳои гузаронидани омӯзиш ва баҳодиҳӣ, муайян намудани тағйирот ва пешгуӣ оид ба ВНМО/БПМН, бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ дар байни аҳолӣ, шахсони камбизоат, ҷавонон, кӯдакон, ноболиғон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолӣ;

- кор карда баромадани барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, шаҳрию ноҳиявӣ оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, шахсони камбизоат, ҷавонон, кӯдакон, ноболиғон ва намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳамкорӣ намудан бо дигар мақомотҳои давлатӣ, ҳамчунин бо сохторҳои хусусии тиббӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ, муассисаҳои илмӣ барои коркарду тадбиқи барномаҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни шахсони камбизоат, ҷавонон, кӯдакон, ноболиғон ва намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хамкорӣ намудан дар вақти коркарди санадҳои меъёрии соҳаи тандурустӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ барои амалӣ намудани онҳо дар маҳалҳо;

- ташкил ва гузаронидани барномаҳои маърифатӣ барои кормандони муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва дигар сохторҳо оид ба тарбияи гигиенӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва мустаҳкамкунии саломатӣ;

- ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба тарбияи гигиении аҳолӣ, кормандони соҳаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, омузонидани шаҳрвандон;

- иштирок дар коркард ва паҳнкунии тавсияҳо дар бораи присипҳо ва муносибати кор бо аҳолӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар сохтори кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;

- иштирок дар коркард ва ворид намудани тартиби ҳисоботи ягонаи оморӣ ва ахбороти марказҳо;

- расонидани кӯмаки маслиҳатию методӣ ба кормандони идораҳо ва муассисаҳои тандурустӣ, дигар ташкилотҳо ва муассисаҳо, новобаста аз шакли моликияташон ва тобеияти муассисавиашон оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- иҷрои дархостҳои иҷтимоии идораҳо ва муассисаҳои тандурустӣ, дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, мустаҳкамкунии саломатии аҳолӣ ва чопи маводҳои иттилоотию маърифатиро дар асоси шартнома;

- роҳбарӣ ва муаррифӣ намудани фаъолияти хоҷагӣ ва молиявии марказҳо дар муносибатҳои муштарак бо ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ ва давлатӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим.

## 5. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ МАРКАЗ

19. Мақоми олии идоракунии Марказ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷухурии Тоҷикистон мебошад.

20. Марказ фаъолияти худро бо Муассис Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Созишномаи дутарафа амалӣ менамояд. Шартҳои созишномаи дутарафаро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

21. Муассис хуқуқ дорад ки:

- Оинномаи Марказро тасдиқ ва ба он тағйироту иловаҳо ворид намояд;

- бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон директори Марказро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;

- бо пешниҳоди директори Марказ муовини директор ва сармуҳосиби Марказро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;

- самтҳои асосии фаъолияти Марказро муайян намояд;

- дар идоракунии корҳои Марказ иштирок намояд;

- тавозуни Марказро тасдиқ намояд ва ҳисоби онро қабул намояд;

- комиссияи тафтишотӣ (аудит)-ро таъин намояд;

- фаъолияти Марказро назорат намояд;

- маълумотҳои зарурӣ ва ҳисоботро оид ба фаъолияти Марказ талаб намояд;

- бо пешниҳоди директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» ва тартиби муқарраргардида директорони марказҳои ташакули тарзи ҳаёти солими вилоятҳоро дар мувофиқа бо раисони вилоятҳо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- ҷиҳати азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани Марказ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур намояд;

- дар ҳолати барҳам дода шудани Марказ, баъди ҳисобӣ намудан бо қарзхоҳон, амволи ба вай тааллуқдошта ё қимати онро бигирад.

22. Идоракунии Марказ аз ҷониби маъмурияти он амалӣ мегардад, ки ба он директор роҳбарӣ менамояд.

23. Ба вазифаи директори Марказ шахси дорои маълумоти олии тиббӣ бо собиқаи кории на кам аз 5 сол таъин карда мешавад.

24. Директор шахсан барои фаъолияти Марказ ҷавобгар буда, дар назди Муассис ҳисобот медиҳад.

25. Директор ба кори таҳияи лоиҳаҳои нақшавии (ҷорӣ ва дурнамо) илмӣ-тадқиқотӣ, нақшаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ, маблағтаъминкунӣ, таъминоти моддӣ-техникии Марказ, нашри дастурҳоро роҳбарӣ карда, онҳоро барои бо тартиби муқарраршуда тасдиқ кардан пешниҳод менамояд.

26. Директор барои пурраву беосеб будани молу мулки Марказ, риоя карда шудани интизоми меҳнатӣ, молиявӣ ва шартномавӣ ва масрафи маблағҳо мувофиқи таъиноташон ҷавобгар мебошад.

27. Директор мувофиқи зарурати истеҳсолот мутахассисони баландихтисосро бо пардохти музди меҳнат дар асоси шартнома ба кор ҷалб менамояд.

28. Директор барои баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси кормандони Марказ роҳбарӣ менамояд.

29. Директор фаъолияти воҳидҳои сохторҳои ба ӯ тобеъро ҳамоҳангсозӣ менамояд, дар фаъолияти онҳо истифода шудани комёбиҳои илму техникаи ватанӣ ва хориҷӣ, маводи патент ва илмию иттилоотӣ, ҳисоббарорӣ ва ташкилотӣ, тарзу усулҳои пешқадами иҷрои корҳоро таъмин мекунад.

30. Директор ҳуқуқ дорад масъалаҳои зеринро мустақилона ҳал намояд:

- аз номи Марказ бе ваколатнома амал намояд, дар муносибат бо дигар ташкилотҳо Марказро намояндагӣ кунад;
- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, созишномаҳо бандад;
- кормандони Марказро, ба истисноі муовини директор ва сармуҳосиби Марказ, ба кор қабул ва аз кор озод кунад, ҳавасмандӣ намояд, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи меҳнат муҷозоти интизомӣ таъин намояд;
- ба шахсони масъули Марказ барои ба ҷо овардани амалиётҳои молиявию хоҷагӣ, уҳдадориҳои шартномавии Марказ ваколатномаҳо диҳад;
- дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар намуди фармоиш содир менамояд;
- бо тартиби муқарраргардида директорони марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими шаҳру ноҳияҳоро дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;
- бо тартиби муқарраргардида директорони марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоятҳоро барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудан дар мувофиқа бо раисони вилоятҳо ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- дар гузаронидани давраҳои такмили ихтисос ва аттестатсияи кормандони ташаккули тарзи ҳаёти солим иштирок намояд.

31. Директор як муовин дорад, ки он дар асоси пешниҳоди директор бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

32. Фаъолияти муовини директор, сардорони шуъбаҳои муассисаҳои зертобеъи марказро дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод шудан, фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва дигар кормандони Марказ дар асоси Оинномаи воҳидҳои сохтории Марказ ва дастурамали уҳдадориҳои вазифавӣ, ки аз тарафи Директори Марказ тасдиқ мегардад, ба роҳ монда мешавад.

## 6. СОХТОРИ МАРКАЗ

33. Сохтори Марказ иборат аст аз:

- маъмурият;
- шуъбаи барномаҳои профилактикӣ;
- шуъбаи коммуникатсия ва кор бо ҷомеа;
- шуъбаи табъу нашр;
- шуъбаи масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ;
- шуъбаи таълимӣ-маърифатӣ;
- шуъбаи барномаҳои таҳлилию аналитикӣ;
- шуъбаи хоҷагидорӣ;

## 7. АМВОЛ ВА САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МАРКАЗ

34. Амвол ва маблағгузории дастгоҳи марказии Марказро маблағҳои асосие, ки аз тарафи Муассис барои идоракунии фаврӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, инчунин дигар маблағҳое, ки аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ворид шудаанд, ташкил медиҳад.

35. Сарчашмаҳои маблағгузории Марказ инҳо мебошанд:

- маблағҳои пулӣ ва амволи Муассис дар шакли маблағгузории буҷетӣ;
- маблағгузориҳое, ки аз ҳисоби хизматрасониҳои музднок ба даст омадаанд;
- бурсияҳои ташкилотҳои байналхалқӣ, аз ҷумла барои амалӣ намудани муқаррароти фаъолияти оинномавӣ;
- маблағгузориҳои инфиродии эҳсонкорӣ.

36. Даромадҳое, ки дар натиҷаи ташкил ва анҷом додани хизматрасонии музднок ба аҳолӣ ба даст оварда мешавад, ба суратҳисоби махсуси Марказ ворид карда шуда, бо харҷномаи алоҳида ҳисобу китоб карда мешаванд ва аз тарафи Марказ барои рушди иқтидори Марказ ва намояндагиҳои он истифода бурда мешаванд.

37. Марказ мустақилона ба мақомоти давлатӣ, андоз ва молиявӣ ҳисобот медиҳад.

38. Марказ ҳамаи амалиётҳои хазинавиро мувофиқи қоидаҳои муқарраргардида анҷом медиҳад.

## 8. БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТ

39. Марказ ҳисоби фаврӣ ва муҳосибиро аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти кории худ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад, тибқи шакли муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ, коргузорӣ, амалиёти бойгонӣ мебарад ва дар ин хусус ба Муассис ҳисобот пешниҳод менамояд.

40. Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мебошанд:

- ташкили ахбори комилан дурусти раванди хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои корҳо ҷиҳати идора ва роҳбарии фаврӣ;
- таъмини назорат ва гардиши маблағҳои ғайринакдӣ, васоити молӣ, меҳнатӣ ва ғайра мувофиқи меъёр, ченакҳо ва харҷномаҳо;
- сари вақт огоҳонидан аз зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молӣ - хоҷагӣ, ошкор ва сафарбар намудани захираҳои дохилии Марказ.

41. Марказ ба таври мустақим, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ дар назди мақомоти молия, андоз, омор ва дигар мақомоти марбута ҳисобот медиҳад.

42. Давраи ҳисоботӣ барои марказ соли тақвимӣ аз 1 январ то 31 декабр мебошад.

43. Марказ маблағҳои буҷетиро дар Сарраёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ медорад.

44. Марказ маблағҳои ғайрибуҷавиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар муассисаҳои қарздиҳӣ (бонкҳо) нигоҳ дорад.

45. Марказ баҳисобгирии муҳосибӣ ва омории худро дар асоси муқаррароти таъиншуда ба роҳ мемонад.

46. Роҳбарияти Марказ ва дигар шахсони масъул барои вайрон кардани ҳисоботҳо масъулияти шахсӣ доранд.

47. Роҳбарияти сохторҳои таркибии Марказ, ки мувозинати мустақил ё алоҳида доранд, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро тибқи қонунгузории амалкунанда ташкил ва ба роҳ мемонанд, дар назди мақомоти марбутаи давлатӣ ва Марказ ҳисобот медиҳанд.

## 9. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ХОРИҶИИ МАРКАЗ

48. Ҳамкории байналмилалии Марказ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба ҳамшарикии ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва бо шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.

49. Марказ ҳуқуқ дорад, ки дар мувофиқа бо Муассис дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани савияи дониши мутахассисон, фаъолияти таълимӣ, корҳои илмӣ, инчунин фаъолияти хориҷиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаю созишномаҳои байналмилалӣ ба роҳ монад.

50. Марказ ҳуқуқ дорад бо муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, корхонаю ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намояд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятӣ гардад.

51. Марказ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар мувофиқа бо Муассис амалӣ менамояд ва ҳуқуқи дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ кушодани суратҳисоби асъорро дорад.

52. Асъор, дигар маблағҳои пулӣ ва амволе, ки Марказ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меоварад, пурра ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани онҳоро дорад. Ин маблағҳо барои инкишофи Марказ, музди меҳнати кормандон, пойдор сохтани заминаи моддию техникии он ва рушди иҷтимоӣ ҳарҷ карда мешаванд.

## 10. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

53. Қатъ намудани фаъолияти Марказ дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии он сурат мегирад.

54. Азнавташкилдиҳии Марказ тибқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми азнавташкилдиҳии Марказ ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳои он ба вориси ҳуқуқиаш мегузарад.

55. Барҳамдиҳии Марказ дар ҳолатҳо ва тартибе, ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ба амал бароварда мешавад.

56. Амволе, ки баъд аз қонеъ гардонидани талаботи қарздиҳандагон боқӣ мемонад, ба ихтиёри Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад.

## 11. ҚАБУЛ ВА ТАСДИҚИ ОИННОМАИ МАРКАЗ

57. Оинномаи Марказ ва тағйироту иловаҳои ба он воридшуда аз тарафи Муассис тасдиқ карда мешавад.

**Мувофиқа карда шуд:**

Муовини вазири тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
сарпарасти соҳа ___________А. Амирзода

Сардори Раёсати амнияти
санитарию эпидемиологӣ,
ҳолатҳои фавқулодда ва
ёрии тиббии Вазорати
тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ___________С. Давлатзода

Сардори Раёсати таҳсилоти
тиббию фарматсмевтӣ,
сиёсати кадрҳо ва илм ___________С. Юсуфӣ

Сардори Раёсати иқтисодӣ
ва банақшагирии буҷети
соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи
иҷтимоии аҳолӣ ___________З . Шарипов

Сардори Шуъбаи ҳуқуқ ___________Ш. Рабиев

Мушовири Бахши котибот ___________А. Хоҷаева

**Иҷрокунанда:**

Директори Муассисаи
давлатии «Маркази
ҷумҳуриявии ташаккули
тарзи ҳаёти солим» ___________М. Бойназарова